# ҚАРОРИ РАЁСАТИ
# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 апрели соли 2017 № 1/2 ш.Душанбе

Оид ба тасдиқи "Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти дисертатсионии докторантон аз рӯйи ихтисос, аспирантон ва дигар довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ интишор мегардад.

Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои "Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" – ро баррасӣ намуда,

**қарор мекунад:**

1. "Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шавад (замима мегардад) .

2.Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд, ки барои ворид сохтани маҷаллаҳои илмии ин муассисаҳо ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қоидаҳои мазкур чораҷӯӣ намоянд.

3.То 31 декабри соли 2017 шӯроҳои диссертатсионӣ вазифадор карда шаванд, ки баррасии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии довталабони дарёфти дараҷаҳои илмиро тибқи феҳристи муваққатӣ ба роҳ монанд (замима мешавад).

4.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси КОА Комилиён Ф.С. гузошта шавад.

Раиси Раёсати КОА Розиқзода А.Ш